**Протоколи № 4**

мачлиси васеи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номаи академик Бобобоҷон Ғафуров»

22 ноябри соли 2022

**Иштирок доштан:** мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, дотсент Шарипова М.З., доктори илми филология, профессор Ғаффорова З.А., доктори илми филология, профессор Ҳамробоев Н.А., аъзои кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, декани факултети Забонҳои шарқ, дотсент Раҳимов И.У., мудири кафедраи забони форсӣ ва хитоӣ, номзади илми филология, Қосимова М., мудири кафедраи забони англисӣ, номзади илми филология Рашидова Д., сармуаллими кафедраи филологияи араб, номзади илми филология Ҳомидиён Ҳ.К., сармуаллими кафедраи филологияи араб Ғафуров А., сармуаллими кафедраи грамматикаи забони арабӣ, доктори фалсафа (PhD) Негматов Н.И.

**Рӯзнома:**

1. **Масъалаҳои ҷорӣ.**

Муҳокимаи диссертатсияи докторанти (PhD) кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номаи академик Бобобоҷон Ғафуров» Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021400–Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ).

Маҷлисро мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, дотсент Шарипова М.З., кушода ҳозиринро бо рӯзнома шинос кард ва барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия суханро ба докторант (PhD) Мирзоҳофизиён М.М. дод.

**Суханронии докторант (PhD) Мирзоҳофизиён М.М.:** - Ассалому алайкум устодони арҷманд, аъзоёни кафедра.

Мавзӯи дессертатсияи мо «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» мебошад.

Ҳоло бо иҷозати Шумо нуктаҳои муҳими рисоларо ба самъи ҳозирин мерасонем.

Аҳмади Ҷом, маъруф ба «Жандапил», дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумла орифони соҳибмашрабу суханварони соҳибмактаб ва донишманди тавонманд дар офаридани осори манзуму мансури арзишманд шинохта шудааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғайра дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, бахусус насри сӯфиёна ва ирфонӣ, нақши назаррас гузоштааст. Ин осор аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ва бархурдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон ва ғайра аз манобеи хеле пурбору омӯхтанӣ мебошанд.

Хусусиятҳои ёдшуда, дар маҷмуъ, осори насрии Аҳмади Ҷомро ҳамчун сарчашмаҳои саршор аз асноди илмию адабӣ ва таъсиргузор дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ муаррифӣ намуда, муҳаққиқонро водор месозад, то паҳлуҳои мухталифи осорро бо умқу вусъати хоса мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Чунин аҳамият ва мубрамияти мавзуъ моро водор намуд, то дар таҳқиқи масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бар асоси матнҳои куҳан, насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ва хусусиятҳои мавзуию сохтории онҳо, нусхашиносӣ ва баррасии таркибу мундариҷаи мероси мансури Аҳмади Ҷом, таҳқиқи сабки насру тавзеҳи мафоҳими аҳли тасаввуф ва табйини маониву румузи онҳо, пажӯҳишҳои вижаи матншиносии осори Аҳмади Ҷом ва ғайраро ковишу пажӯҳиш намоем.

Мавзуъҳои мазкур, ки дар диссертатсияи ҳозир дар меҳвари таҳқиқ қарор доранд, дорои аҳамияти назариву амалӣ буда, дар таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори Аҳмади Ҷом бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик пешниҳод мегардад.

Таърихнигорону тазкиранависон дар осори худ аз ҳаёту фаъолияти Аҳмади Ҷом, мероси адабию ирфонӣ, хонадони адабпарвар ва мазори ӯ гузориш додаанд. Шоирону насрнависони номвар дар осори худ аз ӯ ёд намудаанд.

Ҳамчунин, осори насрии Аҳмади Ҷом диққати муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Бадеуззамон Фурӯзонфар, Забеҳуллоҳ Сафо, Абдулҳусайн Зарринкӯб, Саид Нафисӣ ва дигар адабиётшиносон дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом Муҳаммадҷаводи Шамс чандин мақолаҳои донишномавӣ навиштааст.

Каюмов, Семёнова, Щеглова, Моушор Хонбобо, Аҳмад Мунзавӣ, Мустафо Дироятӣ, Абдулқодир Гулпинорлӣ, Мирзоев Абдулғанӣ Мирзоевич, Қарапӯлот ва ғайра дар феҳристнависӣ ва нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом ҳиммат гузоштаанд.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ва Алии Фозил вобаста ба сабки насри баъзе аз осори мансури Аҳмади Ҷом пажӯҳишҳо бурдаанд.

Роҷеъ ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом доктор Алии Фозил таҳқиқот анҷом додааст. Асарҳои «Анис-ут-тоибин ва сиротуллоҳи-л-мубин», «Сироҷ-ус-соирин», «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-

муштоқин», «Мифтоҳ-ун-наҷот» ва «Кунуз-ул-ҳикмат»-ро муҳаққиқи мазкур давоми солҳои 1931-1967 муҳаққиқи мазкур нашр намудааст. Инчунин, муҳаққиқи мазкур доир ба зиндагонӣ ва мероси адабии Аҳмади Ҷом китобҳои «Корномаи Аҳмади Ҷоми Номақӣ» ва «Шарҳи аҳвол ва накду таҳлили осори Аҳмади Ҷом»-ро мунташир сохтааст.

Адабиётшиноси ҳиндӣ профессор Озармидухти Сафавӣ китоби «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷомро бо тасҳеҳ ва тарҷумаи англисӣ дар Лондон ба нашр расонидааст.

Ҳашматуллоҳи Муайяд дар муқаддимаи «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ оид ба рӯзгор ва кароматӣ Аҳмади Ҷом баҳс намудааст. Ҳамчунин, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар муқаддимаи «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ вобаста ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом пажӯҳиш анҷом додааст. Инчунин Яъқуб Нидоии Аҳмадӣ доир ба истилоҳоти ирфонии осори насрии Аҳмади Ҷом таҳқиқот бурдааст.

Силсилаи мақолаҳои илмӣ аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ, ба мисли Ҳасан Насирии Ҷомӣ, Амир Ҳасан Маданӣ, Муҳаммад Худододӣ, Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ, Муҳаммадризо Қурбони Саббоғ, Нидо Сақоӣ, Саидмуҳаммад Устувори Номақӣ, Ҳодӣ Хидевар, Ризо Содиқии Шаҳир, Ядуллоҳ Баҳмании Мутлақ, Маҳдии Зарқонӣ, Ғуломризо Мустаълии Шамс, Ҳомиди Шамс ва дигарон нашр гардидааст.

Дар адбиётшиносии тоҷик Холиқ Мирзозода, Аълохон Афсаҳзод, Амрияздон Алимардонов ва ғайра дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, Аълохон Афсаҳзод ва Мисбоҳиддин Ҳазраткулов маълумоти фишурдаи тарҷумаҳолӣ ба қалам овардаанд. Ромиз Собир ва Мирзо Диловар низ дар рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ ашъори Аҳмади Ҷомро ба нашр расонидаанд.

Вобаста ба ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Ҷом муҳаққиқи ӯзбек Касимова Зинаида Ибрагимовна кори илмӣ ба анҷом расонидааст. Инчунин, Саид Юсуфи Сурони Амир Ҳасан ҷанбаҳои каломӣ ва тасаввуфии осори Аҳмади Ҷомро пажӯҳиш намудааст.

Дар адабиётшиносии ғарб ва рус доир ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом таҳқиқоти назаррас дар пажӯҳишҳои Фрейзер, Майер, Балкид, Иванов ва дигарон дида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки бо вуҷуди аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Аҳмади Ҷом таҳқиқ ёфтан, дар ҳеҷ яке аз онҳо масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом ба таври хоса баррасӣ наёфтааст.

Аз ин рӯ, баррасии хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи тоза мебошад.

Таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нусхашиносӣ, баррасии сохторию мундариҷавӣ, корбурди ашъору тавзеҳи усулҳои ирфонӣ, баҳрабарӣ аз он, сабки насру шеваи баён, шарҳи истилоҳоти назарии сӯфия, пажӯҳиши мутуни хаттию чопии мероси мансури ин донишманд ва табйини мақоми осори ӯ дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ мақсади диссертатсияи ҳозирро ташкил медиҳад.

Бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи дар диссертатсия пажӯҳишёфта ва ҳалли масъалаҳои зерин муҳимтарин вазифаҳои таҳқиқ қарор гирифтанд:

– баррасӣ ва омӯзиши мутуни манобеи куҳан дар маърифати рӯзгори Аҳмади Ҷом;

– таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом;

– муайян намудани ҷойгоҳи мероси мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ;

– табйини нақши осори насрии Аҳмади Ҷом дар таҳаввули адабу ирфон;

– ҷустор дар мундариҷа ва сохту таркиби асарҳои насрии Аҳмади Ҷом;

– нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ва равшан сохтани густураи таълифоти ӯ;

– мушаххас кардани усулҳои корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом;

– нишон додани хусусиятҳои боризи сабки наср ва шеваи баёни осори ӯ;

– ошкор намудани аҳамияти осори насрии Аҳмади Ҷом дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти назарии тасаввуф ва мақоми онҳо дар такмили фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия;

– накду таҳлил ва пажӯҳиши матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом.

Дар таълифи диссертатсия аз усули таҳқиқ ва таҷрибаи илмию назарии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба мисли Евгенний Эдуардович Бертелс, Ян Рипка, Рейнолд Николсон, Бадеуззамон Фурӯзонфар, Забеҳуллои Сафо, Саид Нафисӣ, Абдулҳусайн Зарринкӯб, Маликушшуаро Баҳор, Сирус Шамисо, Алии Фозил, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Ҳашматуллоҳи Муайяд, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифов, Холиқ Мирзозода, Абдулманнони Насриддин, Носирҷон Салимӣ ва дигарон истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Масъалаҳои таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, муайян сохтани мавзуъву қолабҳои таълифии осори ирфонии ин давра, нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом, баррасии сохториву мундариҷавии осори ӯ, корбурди ашъор ва равшан намудани истифода аз он, сабки наср ва тарзи баён, такмил ва моясарсозии фарҳангномаҳои истилоҳоти тасаввуф бар мабнои осори насрии Аҳмади Ҷом, накду таҳлил ва баррасиҳои матншиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегиранд, аз навгониҳои илмии таҳқиқ ба ҳисоб меравапд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву номгӯи адабиёт таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия «**Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар асрҳои XI-XII**» унвон дошта, фарогири ду фасл аст. Фасли аввал

таҳти унвони «**Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ»** ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бахшида шудааст. Дар ин мабҳас дар асоси маълумот ва асноди сарчашмаҳои куҳани таърихӣ, тазкираҳо, осори донишмандони хориҷӣ, энсиклопедияву донишномаҳо ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Ҷом ба таҳқиқ кашида шудааст.

Фасли дуюми боби аввал таҳти унвони «**Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом»** осори ирфонии замони зиндагии Аҳмади Ҷомро ба худ ихтисос додааст. Дар ин бахш нахуст аз пешинаи наср ёд шуда сипас ба мавзӯи асосӣ пардохта шудааст. Фасли мазкур дар 3 зербахш иборат буда, зербахши нахуст таҳти унвони «**Осори ирфони амалӣ ва назарӣ»,** зербахши дувум «**Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия»,** зербахши сеюм «**Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ»** мебошад.

Унвони боби дуюми диссертатсия «**Нусхашиносӣ ва баррасии сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом»** мебошад. Боби мазкур бар мабнои 2 фасл бино ёфтааст. Фасли аввали он «**Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** унвон дошта масоили нусхашиносии осори мансури Аҳмади Ҷомро ба баррасӣ мекашад. Таъкид гардида, ки нусхашиносӣ аз марҳилаҳои муҳими баррасии матншиносии осори суханварон арзёбӣ мегардад. Бояд таъкид намуд, ки то имрӯз таҳқиқи хоса ва равишманд дар нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом сурат нагирифтааст. Омӯзиши феҳристҳо ва ҷустуҷӯ дар ганҷинаҳои нусахи хаттӣ нишон медиҳад, ки бештар аз даҳ асари насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Интисоби саҳеҳи аксари ин осор ба Аҳмади Ҷом собит аст, аммо иддае то ҳол сиҳҳати интисобро дарнаёфтаанд. Баъзе аз мероси насрии ӯ, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», «Футуҳ-ур-рӯҳ», «Тазкирот», «Эътиқоднома» ва ғайра эҳтимолан пурра аз байн рафтаанд ва ё ҳанӯз нусхаи онҳо пайдо нагардидааст. Дар ин фасл бо такя ба гузориши феҳристҳо, сарчашмаҳои куҳан ва навиштаҳои дастхатшиносӣ осори мансури Аҳмади Ҷом таҳқиқи нусхашиносӣ сурат гирифтааст.

Китобҳои «Анис-ут-тоибин ва сиротуллоҳи-л-мубин», «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Рисолаи Самарқандия», «Номаҳо», «Сирр-ул-мактум» ва ғайра дар китохонаҳои бонуфузи ҷаҳон, ба монанди Китобхонаи Анҷумани Осиёии Бангол, Китобхонаи Остони қудси разавӣ, Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ ва дигар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд.

Дар маҷмуъ то имрӯз 35 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳо ва марказҳои нусахи хаттии ҷаҳон бозшиносӣ шудааст. Қисме аз ин нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ҷомро мусаҳҳеҳони осори ӯ ба ҳангоми таҳияи матни чопии мероси мансури ӯ мавриди корбурди матншиносӣ қарор додаанд.

Дар байни ин нусхаҳои бозшиносишуда, 11 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом мавҷуданд, ки ҳангоми таҳияи матни осори ӯ мусаҳҳеҳон аз онҳо огаҳӣ ва ё дастрасӣ надоштаанд, ки дар байни онҳо нусхаҳои хатти боэътимоде чун нусхаи хатии шумораи 682 Китобхонаи Лоло Исмоил ва нусхаи хаттии шумораи 1742 Музейи Мавлоно мавҷуд мебошад. Қобили зикр аст, ки дар Музейи Мавлоно нусхае таҳти шумораи 1742 ҳамчун асари насрии Аҳмади Ҷом нигаҳдорӣ мешавад. Дар заҳрияи нусха чунин навишта шудааст: «Ҳоза-л-китоб мин таълифоти аш-шайх-ур-раббонӣ ва кошиф-ус-сирри ас-субҳонӣ аш-Шайх Аҳмад ан-Номақӣ...» ва давом медиҳад. Ин нусха, ки дар дасти камина қарор дорад бо тамоми осори дастраси Аҳмади Ҷом муқоиса гардид, аммо бо яке мувофиқ наомад.

Месазад таъкид дошт, ки дар китобхона ва марказҳои нусахи хаттии ҷаҳон шояд нусхаҳои хаттии дигаре аз осори насрии Аҳмади Ҷом мавҷуданд, ки то ҳол бозшиносӣ нашудааст ва дорои арзиши баланди илмӣ буда, ҳангоми таҳияи матни осори ӯ ҷойи онҳо холист.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия **«Мундарича ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом»** номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл осори мансури Аҳмади Ҷом як-як аз ҷиҳати мундарича ва сохту таркиб муаррифӣ гардидаанд. Осоре, чун **«Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Кунуз-ул-ҳикмат» ва «Рисолаи Самарқандия»** аз нигоҳи мундаричаву муҳтаво ва шинохти қолабҳои сохториву таркибӣ, таърихи китобат, сабаб ва ангезаи таълиф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунин баррасӣ дар шинохти ҷаҳонбинӣ, сарчашмаҳои фикрӣ, усулҳои баррасии масоил, қолабҳои ибрози орову андеша, вазъи илмиву адабӣ, ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ, асноди нодири марбут ба рӯзгоршиносии муаллиф ва ҳамасрони ӯ, омилҳои ташаккули ақоиди мутасаввифа, сабку хусусиятҳои таълифи осор ва масоили зиёди дигар заминагузорӣ менамояд ва шавоҳиди фаровони илмиро пешорӯи муҳаққиқон мегузорад.

Боби сеюми рисола **«Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** унвондошта, аз чаҳор фасл иборат мебошад:

Фасли аввали боби мазкур **«Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом»** ном дошта, дар он хусусиятҳои сабки осори насрии Аҳмади Ҷом ба қалам дода шудааст.

Осори насрии Аҳмади Ҷом, бо вуҷуди дар ҷараёни таҳаввули сабки насри давраи мазкур қарор доштан, дар таълифоти сабкшиносии муҳаққиқон ба таҳлилу баррасӣ гирифта нашудааст. Ба занни ғолиб, дар замони таълифи асарҳои бунёдии сабкшиносӣ мушкил будани дастрасӣ ба нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом ва ҳанӯз ба нашр нарасидани онҳо мӯҷиб гардида, то хусусиятҳои сабкии мероси мансури ин насрнавис аз доираи омӯзиш берун монад.

Умдатарин мухтассоти сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом чунин аст:

*а) Равониву содагии калом.*

*б) Такрор.*

*в) Корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ.*

*г) Истифодаи калимаҳои куҳан.*

*ғ) Усули хоси навиштани ададҳо.*

*д) Ҷамъбандии калимаҳои арабӣ бо нишонаи ҷамъи форсӣ.*

*е) Корбурди оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ.*

*ё) Шеваи баёни хитобӣ ё воизона.*

*е) Ҳикоятпардозиҳо.*

*ё) Корбурди саноати адабӣ.*

Фасли дуюми боби сеюми рисола «**Баррасии ашъори осори насрии Аҳмади Ҷом**» унвон дорад. Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ аз шеър дар борварии андеша, таъйиди назар, таъкиди матлаб, таъсиру тазйини бештари калом ва дигар мавридҳо баҳра бурдааст. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом ашъор мувофиқи мавзуъ истифода ёфтаанд. Гоҳе як мисраъ ва гоҳе чандин байт оварда шудаанд. Ашъор бештар таҳти унвонҳои «мисраъ», «байт», «рубоӣ», «ғазал», «абёт» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ аз ашъори Абӯзари Бузҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ ва дигарон суд ҷустааст.

Хусусиятҳои корбурди ашъорро дар осори насрии Аҳмади Ҷом дар бахшҳои умдаи зерин ба баррасӣ кашидем:

*1. Истифодаи ашъори шуарои пешин.* Дар осори насрии Аҳмади Ҷом ашъори шоирони ҳамаср ва пешин борҳо истифода гардидаанд. Дар шуморе аз он муалиф гӯяндаааашро ёд намудааст, аммо соҳиби теъдоде аз онҳо равшан нест. Аз ин рӯ, истифода аз ашъори шуароро метавон ба ду сурат бозшиносӣ намуд:

*а) Истифода аз ашъоре, ки гӯяндагонаш маълуманд (Абӯзари Бузҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ ва дигарон).*

*б) Истифодаи ашъоре, ки гӯяндагонаш муайян нест (як қисми онро дарбар мегирад).*

*2. Истифодабарӣ аз шеъри худ.* Таваҷҷуҳ бар ин нуктаҳо далолат менамояд, ки мавзуи мазкур дар ду бахш қобили баррасӣ аст.

*а) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом мавҷуд аст.*

*б) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом ба назар намерасанд.*

*3. Корбурди ашъори арабӣ.* Аҳмади Ҷом дар мероси мансури худ борҳо аз ашъори арабӣ баҳра бурдааст. Дар осори насрии ӯ аз шеъри арбии Алӣ ибни Абӯтолиб (р), Бӯзари Бузҷонӣ ва ғ. мисолҳо оварда шудаанд.

Дар фасли сеюми боби сеюм таҳти унвони «**Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия**» истилоҳоти сӯфия аз нигоҳи Аҳмади Ҷом ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳоти сӯфия пайваста мавриди тавзеҳу баён қарор гирифтаанд. Ӯ андешаҳои худро бо такя бар онҳо баён доштааст. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳоти сӯфия бо гуфтори орифони номваре чун Иброҳими Адҳам, Боязиди Бастомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Ҷунайди Бағдодӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Каттонӣ, Абӯзари Бузҷонӣ, Хоҷа Имом Асъад ва ғайраҳо таҳлилу тавзеҳ гардидаанд.

Истилоҳоте чун «*абдол, адаб, манозил ва дараҷот*, *дарвеш, дил*, *зулф, зуҳд*, *ихлос, маърифат, ориф, солик, тавҳид, таваккул, хавфу раҷо, ҳол*» дар осори насрии Аҳмади Ҷом шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Истилоҳоти ирфоние, ки дар осори Аҳмади Ҷом омадааст метавонад дар такмили фарҳангҳои ирфонӣ хидмат намояд.

Фасли чаҳоруми боби сеюми рисола: «**Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом**» мебошад. Аз байни осори насрии Аҳмади Ҷом китобҳои «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва «Кунуз-ул-ҳикмат» нашр ёфтааст. Таҳқиқ дар матншиносии ин осор нишон медиҳад, ки анбӯҳе аз иштибоҳот дар ҳангоми таҳия ва нашр дар матн роҳ ёфтааст.

Ин ҷо метавон чандин мавридҳоро баршумурд, то иштибоҳот ва ғалатҳои мусаҳҳеҳро ба ҳангоми таҳияи матн ҷудо намуд ва ин мавзуъро бо чунин дастабандӣ ба санҷаи таҳқиқ мегузорем:

*а) Афтодагиҳои матн.*

*б) Фарқияти умдаи матн.*

*в) Таассуби котиб.*

*г) Беҳхонии матолиб.*

*ғ) Ғалат дар номи унвонҳо (Мо ҳар як фарқиятҳоро дар худи диссертатсия зикр намуда ҳастем).*

**Ҳамчун хулоса метавон чунин нуктаҳоро зикр намуд:**

Аҳмади Ҷом аз орифон ва суханварони соҳибсухани адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бо таълифи беш аз даҳ асари мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII нақши назаррас гузоштааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом аз арзиши баланди филологӣ бархурдор буда, баррасии онҳо аз ин нигоҳ хеле боаҳамият мебошад. Дар рисола, бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, маърифат ва таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди пажӯҳиш қарор гирифт ва чунин натиҷаҳо ба даст омад:

1. Мақоми баланди адабию ирфонии Аҳмади Ҷом сабаб гардид, то таълифи маноқибу мақомоти ӯ аз рӯзгори худи ӯ оғоз ёбад. Дар ин замина, «Нур-ул-ҳақоиқ»-и Заҳируддин Исо, «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом»-и Шиҳобуддин Исмоил, «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ ва «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддини Форёбӣ ба қалам омадаанд, ки куҳантарин сарчашмаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ба ҳисоб мераванд.

2. Тадвини осор дар ҷамъи аҳволу аҳвол ва мақомоти Аҳмади Ҷом пас аз асри XII низ идома пайдо намуд, ки «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар, «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ, «Таърихи Тархистонӣ»-и Аҳмади Тархистонӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меоянд.

3. Афзун бар манокибу макомоти хос ба Аҳмади Ҷом ва тазкираҳои адабию ирфонӣ, осори таърихию адабӣ, ба монанди «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайфи Ҳиравӣ, «Таърихи гузида» ва «Нузҳат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Муҷмал»-и Фасеҳии Хофӣ, «Равзот-ул-ҷаннот»-и Исфизорӣ, «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ ва ғ. низ роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом маълумотҳои нодирро дар худ маҳфуз доштаанд.

4. Зикри ному мақом ва баёни андешаву каломи Аҳмади Ҷом дар осори ҳамрӯзгорон ва суханварони номваре, чун Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Мир Маъсуми Бакрӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосими Анвор, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва ғайра ба назар мерасад, ки ҷойгоҳи баланди ин орифу суханварро дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ ошкор месозад.

5. Бар асари тарбияи Аҳмади Ҷом ва таваҷҷуҳи минбаъдаи сарварони хонадони ӯ ба илму адаб афроди баландноме дар таърихи миллат арзи ҳастӣ намуда, дар гӯшаву канори қаламрави забони форсии тоҷикӣ бар интишори илму ирфон хидмат намудаанд, ки фарзандонаш Заҳируддин Исо ва Шиҳобуддин Исмоил, яке аз наводагонаш Абулмакорими Ҷомӣ, Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абулфатҳ Қутбиддин Муҳаммади Ҷомӣ, Юсуфи Аҳли Ҷомӣ аз зумраи онон мебошанд.

6. Насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом дар қолаби таълифоти мухталиф ва тарҳу мавзуъбандиҳои хоса арзи ҳастӣ намуда, ки умдатарини онҳо аз ин қабил аст: Осори ирфони амалӣ ва назарӣ; Маноқиб, табақот ва зандагиномаҳои бузургони сӯфия; Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.

7. Омӯзиши мероси мансури сӯфия равшан месозад, ки таълифи осори насрии ин тоифа ба забони форсии тоҷикӣ аз асри XI оғоз гардидааст. Дар ин аср бештар ирфони амалӣ такмил ёфта, масоили ирфони назарӣ марҳалаи таҳкими мабониро бо такя бар оёту аҳодис ва осору ахбор идома додааст. Дар асри XII ҷанбаи ақлӣ ва таҳлилии

ҷаҳонбинии сӯфия хеле рушд намуда, ирфони назариро ба равиши хоса ворид сохтааст.

8. Осори насрии Аҳмади Ҷом ҳама дар мавзуи ирфонӣ ба қалам омада, аз замони таълиф мавриди истиқбол қарор гирифтаанд ва пайваста аз онҳо нусхаҳо бардоштаанд.

9. Сабки наср ва забони Аҳмади Ҷом дар осори насрӣ мисли аксари мероси мансури сӯфия содаву равон ва холӣ аз тасаннуъву такаллуфоти фаннист. Сухани ӯ бештар барои умуми мардум баён гардида, шеваи гуфтори хитобиву минбарӣ бар он ғолиб аст.

10. Нусхашиносии осори мансури Аҳмади Ҷом ошкор менамояд, ки таълифоти ӯ дар густураи фарохе паҳн гардидаанд ва аксари асарҳои насрии ӯ то рӯзгори мо маҳфуз мондаанд. Аз бештари онҳо чандин нусхаи хаттӣ дастрас аст. Аммо намунаҳое низ ҳастанд, ки нусхаи онҳо мунҳасир ба фард аст ва то ҳол нусхаи дигаре аз онҳо ба даст наомадааст.

11. Дар тасҳеҳ ва нашрҳои минбаъдаи осори насрии Аҳмади Ҷом бояд аз нусхашиносии равишманд истифода ба амал ояд. Дар ин замина, танҳо нусхашиносии тавсифию таърихӣ кофӣ набуда, бояд нусхаҳо бо меъёрҳои нусхашиносии татбиқӣ мавриди нақду таҳлил ва омӯзиш қарор бигиранд.

12. Осори насрии Аҳмади Ҷом манбаи пурарзиши истилоҳоти аҳли тасаввуф мебошад. Муаллиф зимни мабоҳиси мухталиф бо истинод ба оёту аҳодис, ахбору осор ва ақволу гуфтори машоихи сӯфия истилоҳоти ин тоифаро шарҳу тавзеҳ додааст. Чунин хусусияти осори насрии ӯ дар такмили фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия сарчашмаи пурбору ноомӯхта мебошанд.

13. Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом аз муҳимтарин самтҳои омӯзиши таълифоту тафаккуроти ин орифу суханвар буда, дар ин замина дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ, чи дар ватан ва чи дар хориҷ, пажӯҳиши ҷиддӣ ба назар намерасад. Баррасие, ки зимни фасли

хоса дар рисола анҷом ёфтааст, дар пур сохтани ин холигоҳ кӯшиши муқаддамотист.

14. Теъдоде аз асарҳои мансури Аҳмади Ҷом дар хориҷ аз кишвар чоп шудаанд. Бо вуҷуди он ки ин нашрҳо аз муҳассаноти зиёд бархурдоранд, ҳанӯз ҷои нашри илмӣ-интиқодии асарҳои насрии Аҳмади Ҷом холист. Минбаъд бояд бо назардошти риояи муҳимтарин меъёрҳои тасҳеҳи матн ва истифода аз нусхаҳои асилу навпайдо матни мусаҳҳаҳи ҳамаи осори дастраси ӯ мунташир ёбад.

Ташаккур!

**Шарипова М.З.,** мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, дотсент: Ташаккур! Маърузаи докторант (PhD) ба охир расид, марҳамат суол бошад ба докторант (PhD)?

Сипас, саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои диссертатсия сурат гирифт:

**Савол: Ғаффорова З.А.,** доктори илми филология, устоди кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Китоби Гулбаданбегим «Ҳумоюннома»-ро шумо дар куҷои рисола истифода бурдед? Дар феҳристи адабиёт ҳаст. Дар кадом маврид истифода бурдед?

**Ҷавоб:** Мирзоҳофизиён М.М.: Ташаккур муаллимаи азиз, ки вақти қимати худро дареғ надошта диссертатсияи моро мушикофона аз чашм гузаронидед. Мо китоби «Ҳумоюннома»-и Гулбаданбегимро дар қисмати шарҳи рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом истифода бурдаем, дар он ҷо гуфта шудааст, ки модари Акбаршоҳ аз авлоди Аҳмади Ҷом аст, яке аз наберагони авлоди Аҳмади Ҷом аст, аз ҳамин ҳисоб мо вайро дар ҳамонҷо дар рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом истифода бурдем.

**Савол:** «Маснавии маънавӣ»-ро дар куҷо истифода бурдаед? «Девон»-и Камоли Хуҷандиро дар куҷо истифода бурдаед?

**Ҷавоб:** «Маснавии маънавӣ»-ро мо дар қисмати корбурди исдифодаи ашъор дар мероси мансури Аҳмади Ҷом истифода бурдагӣ ҳастем, дар онҷо рӯбоие аст, ки он аз «Маснавии маънавӣ» ворид гардидааст. Хуб дигараш «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ шоирону орифоне,

ки дар қисмати рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом, ки ба ӯ таваҷҷӯҳ кардаанд, яъне ки ҷойгоҳи адабии Аҳмади Ҷом дар нигоҳи дигар шоирон дар ҳамон ҷо дар яке аз нусхаҳои девони Камоли Хуҷандӣ ба ҳамин Аҳмади Ҷом ишорат кардааст.

**Савол:** Дар «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ байт мавҷуд ҳаст?

**Ҷавоб:** Ҳа, байт мавҷуд аст.

**Савол:** Аз ҳамон мисол овардед?

**Ҷавоб:** Ҳа, аз ҳамон мисол овардем.

**Савол:** Дар адабиётшиносии Ғарб, дар саҳифаи шаш доир ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом Фрейзер, Мойер, Балдик ва Иванов бисёр таҳқиқоти назаррас кардаанд, ҳамин Иванов чи кард?

**Ҷавоб:** Иванов вақте ки соли 1917 дар Бухоро китоби «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомиро меёбад ва онро таҳқиқу пажӯҳиш мекунад дар муқаддимаи ҳамон, фасли васеъ дар бораи Аҳмади Ҷом маълумот медиҳад.

**Савол:** Акнун асосҳои назарии таҳқиқот навиштед, ки аз усули таҳқиқоти Рейнолд Николсон истифода бурдед? Чи гуна нишон медиҳед, шарҳ диҳед? Аз Рейнолд Николсон шумо чи чизро омӯхтед?

**Ҷавоб:** Аз Рейнолд Николсон аз таҳқиқоти «Маснавӣ» истифода намудем.

**Савол:** Чиро истифода бурдед, ҳамон асосҳои назариявии таҳқиқоти Шумо якеаш Рейнолд Николсон аст?

**Ҷавоб:** Ман аз «Маснавӣ»-е ки Рейнолд Николсон тайёр кардааст, баён доштам.

**Савол:** Аз кадом китоби Расул Ҳодизода истифода бурдед?

**Ҷавоб:** «Тасаввуф дар адабиёти тоҷик».

**Савол:** Аз ҳамон китобашон истифода бурдагӣ ҳастед?

**Ҷавоб:** Аз ҳамон китобашон истифода бурдагӣ ҳастам.

**Савол: Ҳамробоев Н.А.,** доктори илми филология, устоди кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Меҳрафкан ман

як ду чизро аниқ кардан мехостам, боби дуюми кор дар бораи умуман вазъи таълифи асарҳои ирфонӣ дар асри X-XII шумо сухан кардед, мехостам фаҳмам, ки боз Шумо кадом тарҷумаҳои китобҳои ирфонӣ ё тасаввуфӣ ё мазҳабиро дарёфт кардед, ки дар ҳамин давра нокушода монда буд ё дар бораи он ягон маълумоте дастрас набуд, яъне гуфтан мумкин аст, ки ягон тарҷумаи нави осори ирфонӣ дарёфт шуд ё не?

**Ҷавоб:** Ташаккур устод, барои пешниҳоди суол. Мо хусусан дар ҳамин фасли дуввуми боби аввал, ки «Наср дар аҳди Аҳмади Ҷом» унвон дорад, дар онҷо ба се зербахш таксим карда, осори тарҷумаҳоливу мақомотнависии асри X-XII ҳамчун сарчашма овардем. Мо хусусан такя кардем ба ҳамон китобҳое, ки пайвандони Шайх Аҳмади Ҷом навиштааст, Шайх Заҳуриддини Исо ва Имомуддини Форёбӣ, ки ин китобҳо ҳоло ба риштаи муаррифии таҳқиқ кашида нашудаанд ва ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом маводи тоза мебошанд.

**Савол:** Хуб, суоли дигар роҷеъ ба нусхашиносӣ оё шумо дар рафти ҳамин таҳқиқоти худ аз он нусхаҳое, ки мураттибони осори интиқодии ӯ ба монанди Алии Фозил ва Ҳасани Ҷомӣ онҳо таҳия кардаанд, бо ягон нусхаи нав дарёфт кардед, ё не?

**Ҷавоб:** Мо нусхаи 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил пайдо кардем, ки ин нусха чи хеле, ки мо медонем, Алии Фозил дар таҳияи матни «Мифтоҳ-ун-наҷот» аз панҷ нусха истифода бурдагӣ аст, ки дар байни онҳо ҳамин нусхаи боэътимоди Лоло Исмоил истифода нагардидааст, мо дар ҳамон қисмат онро шарҳ додагӣ ҳастем, хусусан ҳамин нусхаи Лоло Исмоилро ёфтем, ки дар тасҳеҳи матни «Мифтоҳ-ун-наҷот» истифода нагардидааст.

**Савол:** Мехоҳам фаҳмам, ки аз таҳқиқотҳои мушикофонаи Алии Фозил ва Ҳасани Ҷомӣ, ки дар бораи перомуни паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаолияту китобу рисолаҳо, умуман мақоми Аҳмади Ҷомӣ онҳо таҳқиқот кардаанд тозагии кори Шумо дар чи буд? Аз коре, ки онҳо анҷом додаанд? Нуктаи асосиаш?

**Ҷавоб:** Ҳасани Насири Ҷомӣ ва дуктур Алии Фозил онҳо дар таҳия ва тасҳеҳи матни осори насрии Аҳмади Ҷом саҳм гузоштаанд, дар ин кӯшиши мо таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрри Аҳмади Ҷом нишон дода шудааст.

**Савол: Ғаффорова З.А.:** Албатта мо медонем, ки Шумо методи муқоисавӣ-таърихиро истифода бурдед, боз кадом усулҳои таҳқикро истифода бурдед, ин як, дигар ин ки ҳамин муқоисавӣ-таърихӣ осори Аҳмади Ҷом бо осори кадом адибон мавриди муқоиса қарор гирифт?

**Ҷавоб:** Ташаккур мо осори Аҳмади Ҷомро дар ин ҷо бо сори орифони номвар чун Абдуллоҳи Ансорӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, «Нур-ул-улум»-и Хараќонӣ ва дигарҳо муқоиса кардем. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ қайд менамояд, ки «Агар ба ҳангоми таҳияи китоби «Сабкшиносӣ»-и Маликушшуарои Баҳор осори насрии Аҳмади Ҷом дастрас мебуд он бевосита, дар қатори насри Аҳмади Ғаззолӣ ҷой дода мешуд».

**Савол:** Боз кадом усулҳоро истифода бурдагӣ ҳастед?

**Ҷавоб:** Усули таҳқиқоти оморӣ кардем. Дар онҷо оморҳоро нишон додем.

**Савол:** Чиро?

**Ҷавоб:** Омори ашъоре, ки дар «Девон»-и Аҳмади Ҷом нишон дода нашудааст, дар мероси насрии Аҳмади Ҷом омадааст.

**Савол:** Шумо шумурдедмӣ?

**Ҷавоб:** Ҳа.

**Савол:** Чанд байт будааст?

**Ҷавоб:** Он ҷо байту ғазал ҳаст, ман теъдодашро нишон додагӣ ҳастам. Ғазарҳоро овардагӣ ҳастам.

**Савол: Раҳимов Ислом Усмонович**, декани факултети Забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Мо медонем, ки баъд аз соли 1870 дар Ҳиндустон аксарияти асарҳои форсӣ-тоҷикӣ ба усули чопи сангӣ чоп шуд. Асарҳое, ки номбар

кардед чопи сангиаш ҳаст, ғайр аз ҳамон қиссае, ки дар бораи «Чаҳорпарӣ» ғайр аз ҳамон дигар осораш чопи сангӣ дорад ё не?

**Ҷавоб:** Китоби «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷом чопи сангӣ ҳаст ва китоби «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, ки дар саргузашти Аҳмади Ҷом аст, чопи сангиаш ба нашр расидагӣ аст.

**Савол:** Ба фиркам ин бисёртар шуданаш даркор, чунки якта ҳамин китобе, ки ҳозир номашро гуфтем «Чорпарӣ» ман медонистагем бо эҳтимоми Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷаи Хуҷандӣ дубор дар Ҳиндустон чоп шудагӣ, якбор Туркия, якбор дар Тошканд чоп шудагӣ.

**Ҷавоб:** Дуруст.

**Савол:** Ин бисёр шуданаш даркор Щеглова ва дигар феҳрастҳоро дидан даркор?

**Ҷавоб:** Албатта дуруст аст, аммо тамоми сарчашмаҳои куҳани таърихӣ ва маъхазҳо ва осори насрии худи Аҳмади Ҷом нишон медиҳад, ки ҳамин «Қисса Сабзпарӣ, Зардпарӣ ва Шоҳзодаи Сарандеб» ба ӯ тааллуқ надорад ва муҳтавои ҳамин асар ҳам ба осори насрии Аҳмади Ҷом буданаш шубҳа аст.

**Шарипова М.З.:** Боз саволҳо ҳаст? Рисола ба устодони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик докторони илми филология Ғаффорова Замира Абдуллоевна ва Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович ва декани факултет Раҳимов Исломҷон Усмонҷонович пешниҳод карда шудааст ва рисола аз тарафи устодон мутолиа шудааст ва суханро ба доктори илми филология, профессор Ғаффорова Замира Абдуллоевна медиҳем:

**Ғаффорова З.А.:** Дӯстони арҷманд, мавзӯи хеле хуб барои таҳқиқ интихоб шудааст. Аз сабаби дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мақоми хеле шоиста доштани Аҳмади Ҷом ва он хизмати барозандаи ӯ, ки дар таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хоссатан дар насрнигории форсӣ-тоҷикӣ намуд ва ҳамчунин дар назардошти ӯ, ки дар адабиётшиносии тоҷик ҳанӯз саҳми Аҳмади Ҷом дар таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як таҳқиқоти муфассалу густарда, аниқ мушаххас нишон дода нашудааст аз ин ҷиҳат таълиф шудани ин рисола аҳамияти муҳим дорад ва

мубрамияти мавзӯи интихобшударо ба субут мерасонад. Докторант (PhD) Мирзоҳофизиён Меҳрафкан бо риояи шеваҳои хоси рисолаҳои илмӣ муваффақ шудааст, ки чеҳраи адабии Аҳмади Ҷомро дар пайванди қавӣ бо боризтарин ҷиҳатҳои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба таҳқиқ оварад ва мақоми адибро дар ривоҷи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар пешбурди анъанаҳои насрнигорӣ муайян ва муқаррар намояд. Аз ин ҷиҳат ман докторант (PhD)-ро бо таълифи ин рисола табрик мегӯям. Бо таълифи ин рисола он холигоҳе, ки дар адабиётшиносии тоҷик мавҷуд буд, ин фазо ва ин холигоҳ пурра карда шуд. Рисола аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл хулосаву феҳристи адабиёт иборат мебошад. Ба таври кулли аз мутолиаи рисола бармеояд, ки муҳаққиқ аз адабиёти зиёд, сарчашмаҳо, маводи фаровон истифода бурдааст. Аз фазилатҳои умдаи ин рисола истиқлоли фикрӣ ва дар масоили радду бадал ва исботу тасдиқи афкораш аз корбурди мантиқ, истифода бурда тавонистани муҳаққиқ мебошад. Муҳимтарин натиҷаҳои кор ҷамъбасти худро ёфтаанд, мазмуни бобҳои рисоларо дар бар гирифтаанд. Аз баски муҳаққиқ дар гузориши худ дар бораи мундариҷа, фасли бобҳои рисола изҳори назар намуданд, муҳтавои рисоларо баён намуданд, ман ба ин масъала таваққуф намекунам. Муҳтавои фасл ва бобҳои рисоларо такрор намекунам беҳтар мешавад агар андешаҳои худро дар бораи баъзе камбудҳое, ки дар рисола ҷой дорад, дар бораи ҳамин чиз баён кунам:

1. Дар бораи номи фаслу боби рисола ва тартиби онҳо: Боби аввал «Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар асрҳои XI-XII» унвон дорад, якум қисматаш «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ», дуюм «Насри ирфонии форсӣ-тоҷикӣ дар замони Аҳмади Ҷом» дар ингуна таҳқиқотҳо албатта аввал замон меравад, пас аз он дар бораи адиб сухан меравад, бинобар ин бояд, ҷои ин ду фаслро иваз карда шавад. Боби се: «Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» унвон дорад, беҳтар мешавад ин боб номгузорӣ шавад: «Поэтика ва масъалаҳои матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» ё «Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ». Фасли аввали боби се: «Сабки

насри мероси мансури Аҳмади Ҷом» унвон дорад, «Сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом» «наср»-ашро аз ин ҷо беҳтар аст ҳазф намоем. Қисмати дуюми боби се: «Баррасии ашъори осори насрии Аҳмади Ҷом» ин ҷо низ бояд иваз шавад, беҳтар мешавад агар «Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом» унвон гузорем.

2. Қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ бояд ҳатман такмил дода шавад. Дар саҳифаи 4 дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бояд аз адабиётшиносии асри миёна оғоз шавад. То равшан шавад, ки ин ҳанӯз аз даврони зиндагии Аҳмади Ҷом таҳқиқи зиндагӣ ва осори ӯ оғоз ёфтааст. Яъне дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бояд аз адабиётшиносии асри миёна аз маълумоте, ки дар тазкираҳо, рисолаҳои илмӣ, таърихномаҳо ва ғайра мавҷуданд дар онҳо бояд оғоз шавад. Яъне аз зиндагии худи адиб оғоз шуд ё нашуд, ё дар кадом аср ва ғайра. Ба андешаи ман он маълумоте, ки дар фасли аввали боби аввал зикр шудааст бояд ба қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзуъ интиқол дода шавад.

3. Маълумот дар бораи хидмати он нафароне, ки дар бораи зиндагӣ ва осори Аҳмади Ҷом кӯшидаанд, он қадар равшан зикр нашудааст. Бояд мушаххас шавад, ки дар бораи кадом самти фаъолияти Аҳмади Ҷом таҳқиқ анҷом дода шудааст. Кадом асари адиб, кадом ҷиҳати фаъолияти ӯ баррасӣ шудааст. Масалан «Фурӯзонфар аз Аҳмади Ҷом ёд кардааст», «Сафо ҳангоми шарҳи ҳоли Арслони Тӯсӣ аз Аҳмади Ҷом сухан ба миён овардааст», «Саид Нафисӣ роҷеъ ба аҳволу осори Аҳмади Ҷомӣ сухан намудааст». Ҳамаи инҳо паиҳам омаданд. Аз ингуна умумигуиҳо дақиқ нест, ки ин муҳаққиқон дар бораи Аҳмади Ҷом чи маълумот додаанд ва ба кадом ҷиҳати зиндагии ӯ равшанӣ андохтаанд. Оё такрори маълумот дар таҳқиқоти онҳо ҳаст ё нест. Ё онҳо ягон навоварӣ овардаанд. Хидмати Холиқ Мирзозода, Аълохон Афсаҳзод ва дигар адабиётшиносони тоҷик низ бо ҳамин гуна умумигуиҳо тавсиф шудааст. Яъне дар қисмати муқаддима, ки таҳқиқи омӯзиши осори насрии Аҳмади Ҷом аст, яъне дараҷаи омӯхташавии мавзуъ такмил мехоҳад.

4. Дигар боби севуми рисола: «Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ» унвон дорад. Агар «Поэтика ва масъалаҳои матншиносӣ» унвонгузорӣ шавад, беҳтар мегардад. Яъне ин боб, ки поэтикаи осори Аҳмади Ҷом ном дорад, дар он поэтикаи осори насрии ӯ муфассал шарҳ дода шавад. Хеле кам таҳлил шудааст ва ба назари ман чун дар унвони рисола калимаи «поэтика» ҳаст, як фасли алоҳидаи кор ба «Поэтикаи осори Аҳмади Ҷом» бахшида шавад.

5. Докторант (PhD) дар фасли аввали боби севвум, ки «Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом» унвон дорад, чунин хусусиятҳо «равониву соддагии калом» «такрор», «корбурди матн», «луғоту таъбироти арабӣ», «истифодаи калимаҳои куҳан», «усули хоси навиштани ададҳо», «ҷамъбандии калимаҳои арабӣ бо нишонаи ҷамъи форсӣ», «корбурди оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ», «шеваи баёни хитобӣ ва ё воизона», «ҳикоятпардозиҳо» ҳамаи инҳо хусусиятҳои забонии осори нависанда мебошад. Вижагиҳои забонӣ дар як фасли алоҳида зери унвони «Хусусиятҳои забонии осори мансури Аҳмади Ҷом» оварда шавад беҳтар аст. Қисмати дигар «Корбурди санооти бадеӣ» дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ беш аз сесаду ҳафтод санъати бадеӣ мавҷуд аст. Аҳмади Ҷом мутмаинам, ки аз мисолҳои оварда шуда маълум аст, чи қадар санъатҳои бадеиро истифода бурдааст, аммо аз санъатҳои бадеӣ дар ҳаҷми сеюним саҳифа таҳлил шудааст. Масалан «Корбурди санооти бадеӣ» «саҷъ» дуто мисол таҳлил нест, «ҷинос» намунаҳо як, ду, се мисолҳои паёпайи бетаҳлил, «ташбеҳ» намунаҳо як, ду, се, чор ва «киноя» як, ду, се мисол оварда шудааст, таҳлил нест, такмилро мехоҳад. «Зарбулмасалу мақол» инро «ирсолу масал» ё «ирсолу масалайн» меноманд, такмил мехоҳад. Хуллас таҳлил дар ин қисмат ба нудрат ба назар мерасад. Дар ҳамин қисмат дар охири фасл роҷеъ ба сабки Аҳмади Ҷом натиҷа гирифта шудааст, ки сабки ӯ «сабки хуросонӣ»-ст, таҳлил нест. Қисмати чоруми хулосаи ин боб ва қисмати аввали хулоса такрор омадааст.

6. Фасли дуюми боби сеюм «Баррасии ашъори осори насрӣ», пешниҳоди мо «Истифодаи ашъор дар осори насрӣ» унвони фасл беҳтар мешавад. Дар ин ҷо ҳатман бояд таъкид намуд, ки шеър аслан ба хотири ороиши калом оварда мешавад. Истифодаи ашъор дар сабки навишти Аҳмади Ҷом таъсир гузошт ё не инҳо нишон дода нашудаанд. Дар хулоса равшан натиҷагирӣ нашудааст.

7. Фасли «Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия». Дар қисмати «Шарҳи истилоҳоти сӯфия» бояд фарқи он истилоҳоте, ки Аҳмади Ҷом истифода бурд ва бо кадом маънӣ истифода намуд аз дигар фарҳангҳои таъбироти ирфонӣ равшан натиҷагирӣ карда шавад.

8. Албатта хатоҳои ҷузъӣ ва имлоӣ, ҷузъи техникӣ мавҷуданд. Дар саҳифаи якум, ки онро «тутилнавис» мегӯянд, дар қисмати «мундариҷа» саҳифагузорӣ намешавад, ин хато ҳисоб мешавад. Ҳар як рисол аз саҳифаи се сар мешавад. Инификатсия дар овардани маълумоти китобҳо риоя карда шавад. Дар матни рисола онҷое, ки дар қавсайн шумораи адабиёт зикр мешавад хеле зиёд омехташавии рақами адабиёт ба назар мерасад. Масалан «Равзат-ул-музнибин» дар феҳрист таҳти рақами 40 зикр шудааст, шумо дар қавс 36 нишон медиҳед. Китоби Шафеии Кадканӣ дар феҳрист 163, дар матн китоб таҳти рақами дигар. Ба ҷои «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ рӯйхати адабиётро нигоҳ намоем «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ омадааст. Комилтарин асар таҳқиқи Мойер менависед, дар қавс ишора шудааст адабиёт, нигоҳ мекунам «ат-Таарруф»-и Мустамилии Бухорӣ зикр шудааст. Ба ҷои Холиқ Мирзозода, китоби Баҳор, ба ҷои шумораи 75 шумораи 86, ба ҷои «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайфи Ҳиравӣ, «Куллиёти ашъор»-и Қосим Анвор, ба ҷои осори «Ибни Баттута», китоби Алишери Навоӣ «Маҷолис-ун-нафоис» ва ғайра омадааст.

9. Хуллас бо ба инобат гирифтани эродҳо рисола анҷом ёфта ба ҳисоб меравад.

**Шарипова М.З.:** Ташаккури зиёд барои баррасии хеле мушикофона ва барои докторант (PhD) ин як роҳнамо аст. Докторант (PhD) дар охир якбора ба эродҳои муқарризон ҷавоб мегӯяд ва сухан ба доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович дода мешавад:

**Ҳамробоев Н.А.:** Ассалому алайкум ҳамкорон, ҳамкасбони азиз дар воқеъ барои чи ҷавоби докторант (PhD) дар ҳамаи пешниҳодҳо, нуқсонҳо, эродҳое, ки гуфта шуд дар охир гуфта шавад, чунки инҳо дар воқеъ ҳамааш қабул карданӣ аст. Муаллима, устод Замира Абдуллоевна он чизҳо ва нуктаҳое, ки камбудиву эродҳое, ки гуфтан дар воқеъ дар кор ҷой дорад ва ҳатман зарурӣ аст, ки ба ҳамаи нуктаҳо, матлабҳо бознигарӣ карда шавад ва дар муҳлати бисёр кам метавон ин камбудиҳоро ислоҳ намуд. Бо вуҷуди ин ман мехоҳам чанд пешниҳодҳои худро вобаста ба рисолаи илмӣ баён дорам. Аввал ин ки ман бо ба итмом ёфтани кор хеле хушнуд шудам. Ҳам роҳбари илмӣ Фахриддин Насриддинов ва ҳам докторант (PhD)-ро бо анҷом расидани рисола табрик мегӯям. Дар воқеъ кори бисёр заҳмат талаб, кори бисёр пурмашаққатро ба анҷом расонидаанд. Коре ки анҷом шудааст дар олами адабиётшиноси тоҷик он холигоҳе, ки дошт пур кард ва умедвор ҳастам, ки дар паи худ чандин масъалаҳо, мавзуъҳои дигарро барои таҳқиқи ояндагон пайдо мекунад. Коре, ки дар меҳвари ҳамин рисола ё худ диссертатсияи илмӣ анҷом ёфтааст мубрамияти он таъйид ва собит шудааст. Ба силки таҳқиқ кашидани ҳамин мавзуъ хоса дар солҳои охир бисёр ба нудрат ба чашм мерасид, имрӯз фикр мекунам, ки дар партави ин кор, корҳое, ки илмианд боз эҳё мегардад ва хатмкунандагон, хоса муҳаққиққон ҳамин факултети Забонҳои шарқ мавриди корбарӣ қарор медиҳанд. Дар бораи муҳассаноти кор зиёд гуфтан мумкин аст ва агар баъзе камбудиҳои муқаддимаи корро ба назар нагирем, давоми он боби як, ду ва се дар воқеъ бисёр камхато навишта шудааст, ки ин яке аз дастовардҳои докторант (PhD) ба шумор меравад ва кор дар воқеъ камхато навишта шудааст. Аз муҳассаноти кор дар он дида мешавад, ки

дар ҳар боб, дар ҳар фаслҳо натиҷагирӣ, хулосабардорӣ бисёр мушаххас нишон дода шудааст. Ҳар масъала ё муаммое, ки ин ҷо гузошта мешавад докторант (PhD) аввал онро дастабандӣ мекунад ва аз осори Аҳмади Ҷом он ҷо санадҳо меорад ва онро ба силкаи таҳқиқ мекашад, ки инам аз бисёр дастовардҳои докторант (PhD) ба шумор меравад. Масъалаҳои матншиносӣ, нусхашиносӣ, ки дар ин бобҳои алоҳида баррасӣ гардидаанд дар воқеъ аз масъалаҳои муҳим ва бобҳое ҳастанд, ки боби асосии рисоларо ба уҳда гирифтаанд ва муҳаққиқ гуфтан мумкин аст, ки то ҷое дар анҷоми ин кор кор баромада тавонистааст. Яъне доираи таҳқиқи ин масъалаҳо маълум муайян шудааст ва муҳаққиқ дар ин самт корҳои муайянро бо овардани мисолҳо, бо овардани санадҳо анҷом дода тавонистааст. Ниҳоятан сабку услуби таълифи рисола хеле илмӣ ва содда аст. Докторант (PhD) бо нигоҳдоштани равишҳои илмӣ кӯшида, то рисоларо таълиф кунад, ки ин аз муҳассаноти кор мебошад ва чанд пешниҳоду таклифҳое дорам, ки хуб мешуд агар онҳо ба назар гирифта шаванд:

1. Муқаддимаи кор ноқис мебошад. Дараҷаи омӯхташавии мавзуъ ноқис буда, ягон хел таҳлил дар онҷо нишон дода нашудааст. Масалан муҳаққиқони зиёд ҳам ховаршиносон, ҳам олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудаанд, лекин онҳо чи корро анҷом додан ва имрӯз докторант (PhD) чи корро анҷом дод, дар муқаддима, дар бахши дараҷаи омӯхташавии мавзуъ ин чизҳо таҳлил нашудааст.

2. Мундариҷаи кор бознигарӣ мехоҳад. Ҳам аз нигоҳи сохторӣ, ҳам аз нигоҳи банду басти мундариҷаи кор. Зеро баъзе бобҳо биёср заъиф аз тақсимбандиаш бисёр суст нигошта шудааст. Масалан боби се дар қолаби чор фасл дар доираи қариб 70 саҳифа навишта шудааст. Лекин ду боби аввал аз нигоҳи ҳаҷм ва аз нигоҳи тақсими фаслҳо ва зерфаслҳо мувофиқат намекунад. Лекин метавон аз рӯи матолибе, ки дар он ҷо оварда шудааст онро ба зер фаслҳо ҷудо намуд. Масалан боби якум «Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар асрҳои XI-XII» унвон гирифтааст, ин ҷо дуто фаслро ҷой додагӣ «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар

адабиёти форсии тоҷикӣ», дуввум «Насри ирфонӣ» чи хеле, ки ин ҷо ишора шуд, ҳатман ҷояшро иваз намудан лозим аст. Вақте, ки дар бораи рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом баҳс намуд, як зерфасли дигар дар бораи хонадону наводгони ӯ, ки ҳама аз пайравони худи Аҳмади Ҷом буданд ҷудо намудан беҳтар мешавад. Метавон онро як зерфасли алоҳида кард, ду фасли алоҳида ва ду зерфасл шавад, ба ҳар ҳол мундариҷа камтар ғанитар мешавад.

2. «Нусхашиносӣ ва баррасии сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом». Ин бахш низ дар ду фасл тақсим шудааст. Ҷойи фасли як ва дуро бояд иваз намуд. Вақте, ки хонанда ё масалан муҳаққиқ мехонад аввал дар бораи чанд нусха боқӣ мондааст мутолиа менамояд. Лекин худи муҳтаво ва мазмунӣ асарҳои Аҳмади Ҷом дар поён омадааст.

3. Дар ҳоле, ки мо бо нусхаҳо кор кардем ҳатман бахши ихтисораҳоро овардан зарур аст.

4. Услуби баъзе матолибро илмӣ намудан зарур аст.

5. Бандҳои муқаддима бояд мувофиқи намуна, яъне мувофиқи талаботи имрӯза оварда шавад. Ба нусхаи намунавии рисолаи илмӣ, ки дар сайти КОА оварда шудааст, мувофиқ намуд. Дар як саҳифа танҳо ду хатоии имлоӣ иҷозат аст. Агар аз ду зиёд бошад ҳатман бознигарӣ мешавад.

6. Такрор дар услуб бисёр дида мешавад. Ҷумлаҳои мураккаби дароз дар бахши муқаддима зиёд аст. Баъзе мисолҳо дар боби сеюм такрор шудаанд, ин чиз бояд ислоҳ карда шавад. Таҳлилҳо дар боби сеюм кам аст, такрорро бо таҳлилҳо иваз намудан беҳтар аст.

7. Агар масаъалаҳои баррасишудаи матншиносӣ ва вобаста ба он дар доираи мақолаҳои алоҳида баҳри матншиносон пешниҳод гардад, бисёр хуб мешуд.

8. Дар маҷмуъ гуфта мумкин аст, ки коре ки докторант (PhD) анҷом додааст, кори бисёр хуб, метавон гуфт, ки барои ба зинаи навбатии ҳимоя роҳ додан ягон монеа вуҷуд надорад.

**Шарипова М.З.:** Ташаккури зиёд устоди азиз барои шарҳу тавзеҳи пурмуҳтаво ва сухан ба муқарризи дигар номзади илми филология, дотсент, декани факултети Забонҳои шарқ Раҳимов Исломҷон Усмонҷонович дода мешавад:

**Раҳимов И.У.:** Ташаккури зиёд. Муаллиф ва роҳбари илмиашонро бо таълифи чунин як рисола муборак бод мегуям. Воқеан аз мутолиаи рисола баҳра бардоштам. Аз беҳтарии кор дар ин рисола он аст, ки матнҳои классики дуруст хонда шудааст. Андешаи худро чунин баён медорам:

1. Дар маҷмуъ муқаддимаи кор мутобиқи дастурамали КОА-и Тоҷикистон бознигарӣ гардад.

2. Боби як, фасли як "Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ" баъзе ноҷуриҳо дорад. Ҷумлаҳое оварда шудаанд, ки мафҳумҳоро ифода намекунанд. Масалан: "ҷилди чоруми «Миръот-ул-булдон»-и Муҳаммадҳасанхони Санеъуддавла низ шомили рӯзгори Аҳмади Ҷом мебошад" ҷилди чорум, қавсба 1992-1995 дода шудааст, ки вай ҷилди чор не. Дар ҷилди чорум дар фалон саҳифа гуфтан зарур аст. Дар таҳияи зиндагонии Аҳмади Ҷом, инъикоси вазъи иҷтимоии даврони ӯ, паҳншавии андешаҳо ва ҷойгоҳи ӯ дар назди навсоликон, соликони ҷавон, масалан дар такия ба "Самарқандия" нишон дода нашудааст. Дар бунёд кардани тарҷумаи ҳоли ин ё он шахсият зикри ҳодисаҳо мавқеи калон дорад ва ишора намудан ба ин паҳлӯи зиндагонии онҳо зарур аст. Бояд ба ҷомеа чи гуна шахсияти таъсиргузор буданашро нишон дод.

2. Боби як, фасли ду "Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом" дар ин фасл осори ирфони муфассал тавзеҳ ёфтааст. Дар қисмати "осори ирфони назарӣ ва амалӣ" беҳтар мегашт, ки осори ирфоние, ки махсус барои мубтадиён аст, ҷудо карда шавад. Хронологияи номи подшоҳон "Маҳмуди Ғазнавӣ" аз "Салҷуқиён" пеш аст, беҳтар ки риоя шавад, зеро услуби илмӣ инро тақозо менамояд. Дар ин фасл хулоса ҳаст бо як ҷумла баён шуда: "Асарҳои насрии ирфонии рӯзгори Аҳмади Ҷом дар

таҳаввули сабки насри форсии тоҷикӣ саҳми ниҳоят бузург гузоштааст", ки таҳрирро мехоҳад.

3. Боби ду, фасли як "Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом" табиист, ки барои ин фасл феҳристҳои зиёда мутолиа гардидааст. Масалан дар саҳифаи 49 фикри Ивановро ва андешаи Алии Фозил зикр шудааст, аммо натиҷаи фикри докторант (PhD) дида намешавад. Вақте, ки баҳс шуд, будани нуқтаи назари муаллиф зарур аст. Санаҳо ва солҳои ҳиҷрӣ-мелодӣ бояд якхел оварда шавад. Беҳтар аст, ки соли ҳиҷрӣ бо ҳамон хати каҷ нишон дода шавад.

4. Мехоҳам, ки дар бораи вазъи истилоҳҳои нусхашиносӣ як ҳамгунӣ шавад. Масалан дар ҳамин фасл калимаи "ранги қирмизӣ" барои ифода кардани "ранги сурх" истифода шудааст. Одатан дар асарҳое, ки марбут ба нусхашиносӣ ва ё китобшиносӣ ҳаст, дар мо "ранги қирмизӣ" истифода намебаранд. "Қирмизӣ" ба "шангарф" гардонем беҳтар аст, чунки дар луғоти истилоҳоти нусхапардозӣ калимаи "шангарф" омадааст. Баъд истилоҳоте, ки махсуси китобату нусха аст "муҷадвали музаҳҳаб", ё ин ки "настаълиқи олӣ", "настаълиқи аъло, авсат" ин чизҳоро камтар кушода додан даркор. Танҳо хатшинос ин мафҳумҳоро мефаҳмад.

5. Боби ду, фасли ду "Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом" ба назари мо ин фасли рисола хом аст, зеро он танҳо ба мундариҷа ва чанд бобу фасл будани ин ё он асари Аҳмади Ҷом кифоя кардааст, ки маълумотномаи оддиро ба хотир меорад. Доир ба мундариҷа ва таркиби "Сироҷ-ус-соирин" дар 21 сатр маълумот дода шудааст, ки кофӣ нест ба назари банда ин фасли рисола такмил талаб аст, вагарна маълумоти хушку холиро мемонад.

6. Дигар боби се, фасли якум "Сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом" доир ба истифодаи калимаи куҳан аст. Се калимаро мисол овардед, калимаи "пиндошт, пажӯҳиш ва анбоз" ҳамаи ин калимаҳоро имрӯз истифода мебарем. Ин калимаҳоро калимаи куҳан гуфтан даркор нест. Хуб доктор Ҳасан Насрии Ҷомӣ як мақола дорад "Вожаҳои нодир ва

муғтаним дар забони Шайхи Ҷом” дар ҳамин ҷо калимаи “пайхаст”-ро мисол овардааст. “Пайхаст” дар осори Аҳмади Ҷом ҳаст, аз ҳамин нуқтаи назарӣ имрӯз дар забони тоҷикӣ будани баъзе калимаҳо агар нигоҳ кунему ҳамин мақолаи Ҳасани Насриро муқоиса кунем, бисёр чизҳои аҷоиб мебарояд ва исбот мекунад, ки забони Аҳмади Ҷом масалан тоҷикитараст аз форсии имрӯза ба мо имрӯз наздикитар аст. Дар бораи “Шеваи баёни хатибона ё воизона” баҳс шудааст, ки хеле кӯтоҳ мебошад. Ҳол он ки фақат вобаста ба шеваи баёни Аҳмади Ҷом, як рисола навиштан мумкин аст. Дар осори ӯ дуоҳое ҳаст, ки хеле аҷоиб аст. Вобаста ба масъалаи риторикаи баёни илова намудан зарур мебошад. Дар насри воизона “нафрин”-ҳое ҳастанд, ки муаллиф бо забони зебо баён медорад. Санъати тазод ҳам истифода мешавад. Доир ба зарбулмасалу мақол бо мутолиаи “Амсол ва ҳикам”-и Деҳхудо иктифо кардан ва ин зарбулмасал мавҷуд нест гуфтан қобили қабул намебошад. Ҳасан Зулфиқорӣ фарҳанги бузурги зарбулмасалҳои форсӣ дорад, аз он низ илова шавад.

7. Доир ба истифодаи ашъори насрии Аҳмади Ҷомӣ чизе гуфтани нестам ва мулоҳизаҳои муаллифро қобили қабул медонам.

Хулоса рисолаи мазкур кори ба анҷом расида буда, баъди ворид кардани ислоҳҳо барои муҳокима дар зинаҳои навбатӣ мувофиқ мебошад.

**Шарипова М.З.:** Ташаккури зиёд. Сухани ҷамъбастӣ ва ҷавоб додан ба тавсияҳои муқарризон сухан ба докторант (PhD) Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дода мешавад.

**Докторант (PhD) - Мирзоҳофизиён М.М.:** Ташаккур. Аввалан ташаккур ба муаллимаи азиз, ки бо дидгоҳи некашон диссертатсияи моро мутолиа намуданд, Ғаффорова Замира Абдуллоҷоновна, доктори илми филологӣ, профессор ва ин ҷо дар бораи номи бобҳо ва фасл ва ҷойгиршавии онҳо муаллима андешаҳои худро баён доштанд. Ин андешаҳои муаллима қобили қабул аст. Мо бо роҳбари кори илмӣ, устоди гиромӣ албатта ин масъалаҳоро дида мебароем.

Инчунин эродҳои ҷойгиршавии рӯйхати адабиётҳои кор қобили қабул аст, ин эродҳо ба назар гирифта хоҳанд шуд.

Масъалаҳои дараҷаи таҳқиқи илмӣ бознигарӣ шуда, ҷойгиршавии фаслҳои боб бо ба инобат гирифтани баъзе эродҳо ислоҳи худро меёбад.

Вобаста ба боби сеюми кор пешниҳодҳое, ки ироа гардид ба назар гирифта мешавад.

**Ғаффорова З.А.:** Дар масъалаҳои таҳлилҳо чӣ?

Мирзоҳофизиён М.М.: Таҳлилҳо ва баъзе мисолҳое, ки дар боби се фасли се "Истифодаи истилоҳоти сӯфия дар мероси Аҳмади Ҷом" бо ба назар гирифтани андешаҳо бознигарӣ хоҳад шуд.

Вобаста ба пешниҳодҳои устоди азиз Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович, доктори илмҳои филологӣ, профессор дар бораи дараҷаи омӯхташавии кор ҳатман мо ин қисматро дида мебароем. Мундариҷа чи хеле, ки ҳамон ишора шуд, якбори дигар бознигарӣ карда мешавад.

Боби якум вобаста ба фаслҳо, яъне ки ҷойгиршавии он, боби дуюм низ ҷойгиршавии фаслҳо, рӯйхати адабиёт ва бахши ихтисораҳо ки ин ҷо устод зикр карданд, воқеан дар кор ҷой дода нашудааст, ин чизро мо ҳатман ҷой медиҳем.

Дигар услуби баъзе матолиби илмӣ ҳамон пешниҳоди устод аст, ки ин чизҳо ҳам дида мешавад, ҳамон ҷумлаҳои мураккабе, ки дар кор омадааст ҳатман таҳрири худро хоҳанд ёфт. Ва мисолҳое, ки такрор ҳастанд албатта бо мисолҳо дигар гардида, бо дарназардошти ислоҳҳо аз дигар осори насрии Аҳмади Ҷом ворид карда мешавад.

Вобаста ба масъали матншиносӣ пешниҳоид устод қобили қабул аст, мо ин масъаларо ба инобат хоҳем гирифт.

Инчунин устоди азиз, декани факултети забонҳои шарқ Раҳимов Исломҷон Усмонҷонович вобаста ба кор андешаҳои худро баён доштанд.

Хранологияи номҳои подшоҳон ва Ибни Баттутаро чи гунае, ки мисол оварданд, мувофиқи талаботи КОА дуруст карда мешавад.

Дар масъалаи рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ин ҷо мо камтар баён кардагӣ ҳастем, албатта боз ин қисмат ҳам равшантар баён карда хоҳад шуд.

Осори ирфони амалӣ ва назарӣ дар якҷоягӣ баён шудааст, дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.

Шарҳи истилоҳҳои нусхашиносӣ тибқи талабот ба роҳ монда мешавад.

Вобаста ба фасли дуюми боби дуюм, яъне мундариҷаи осори насрии Аҳмади Ҷом аз нигоҳи мундариҷавӣ баён шудааст, зеро аслан осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик муаррифи нашудааст. Мо кӯшиш мекунем, ки бо инобат гирифтани пешниҳодҳо боби мазкурро таҳрир намоем.

Вобаста ба фасли яки боби сеи кор дар бораи сабки наср, яъне калимаи “пайхаст” ва “шеваи баёни хитобӣ”, ки дар сабки насри Аҳмади Ҷом омадааст, қобили қабул аст. Аммо бо вуҷуди оне, ки аксари осори насрии Аҳмади Ҷом, ки дар шакли баёни хитобӣ ва минбарӣ дорад, мо кӯшиш кардем ин ҷо танҳо ҳамон калимаҳои хитобиро биёрем, агар мо мисолҳоро васеъ шарҳ диҳем, ҷойи зиёдро ишғол мегирад.

Дигараш дар бораи боби се фасли се дар бораи истилоҳот мо дар он ҷо аслан “Фарҳанги Саҷҷодӣ”-ро нишон додагӣ ҳастем. Дигар боз ду-се фарҳангро шарҳ хоҳем дод.

Қисмати хулосаҳо, ки дар ин ҷо устод пешниҳоди худро доданд, ин масъала бо роҳнамоии роҳбари илмӣ ҳалли худро хоҳад ёфт.

Ташаккур. Барои андешаронӣ ба ҳамаи устодон ва ташаккури хоси худро ба устоди гиромӣ роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Насриддинов Фахриддин Абдуманонович мерасонам, ки бо дастгирии пайвастаашон корро мо то ин ҷо расонида овардем. Ташаккур.

**Шарипова М.З.:** Ташаккури зиёд. Бо ҳамин баррасии рисолаи докторант (PhD), аз рӯи ихтисоси адабиётшиносӣ (назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба итмом мерасад. Бо ҳамин гуфтани ҳастам,

ки автореферати рисола омода шудааст ва бо роҳнамоии роҳбари илмиашон барои тарҷума кардан ба забони русӣ пешниҳод шудааст. Варианти тоҷикии автореферати кор дастрас шудааст. Дар зинаи навбатӣ ҳам варианти русӣ ва ҳам варианти тоҷикии он барои муқарризони холис ва барои боздидӣ таҷдиди назари муқарризоне, ки дар муҳокимаи зинаи кафедра хонда зарур мебошад.

Бо ҳамин маҷлис ба хулосаи зерин омада, **қарор кард:**

1. Муҳтавои диссертатсияи докторант (PhD) Мирзоҳофизиён М.М. дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 - Адабиётшиносӣ (6D021400-Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) мутобиқ аст; мавзӯи диссертатсия ба сати афзалиятнок – рушди илм ва адабиётшиносӣ нигаронида шудааст; муҳтавои диссертатсия дар намуди мақолаҳои илмӣ интишор ёфтаанд, автореферат ифодакунандаи мазмуни диссертатсия мебошад; барои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳо дода шудаанд.

2. Диссертатсияи Мирзоҳофизиён М.М. дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 - Адабиётшиносӣ (6D021400 - Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) кори илмии анҷом ёфта ҳисобида шавад.

3. Бо назардошти ислоҳи норасоиҳои зикршуда диссертатсия ба зинаи навбатӣ Шӯрои олимони факултет пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номаи академик Бобобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда, кафедраи забони англисӣ, кафедраи филологияи араб, кафедраи грамматикаи забони арабӣ ва кафедраи забони форсӣ ва хитоии факултети Забонҳои шарқ қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -9, «зид» -нест, «бетараф» -нест.

Суратҷаласаи №4-ум аз «22»-юми ноябри соли 2022.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илми филология, дотсент: Шарипова М.З.
Маълумот барои тамос:
тел. (+992) 92 782 14 45
E-mail: mutabar-1977@mail.ru

Котиби ҷаласа: доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси филология: Нигматов Н.М.
Маълумот барои тамос:
тел. (+992) 92 875 45 47
E-mail: numonjon_91@mail.ru

«Имзоҳои М.З. Шарипова ва Н.И. Нигматовро тасдиқ мекунам».
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru